# ИНТИХОБИ ДУРУСТИ КАСБУ ИХТИСОС – ЯК ОМИЛИ КОМЁБӢ ДАР ЗИНДАГӢ

***Мирзоаминов Хайрулло Мирзораҳимович,*** *номзади илмҳои физикаю математика, сардори шуъбаи банақшагирӣ, мониторинг, пажӯҳиш ва рушди Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*E-mail: khmirzoaminov@ntc.tj*

***Нуралиев Абдубосит Фазлиддинович,*** *сармутахассиси таҳриру тарҳрезии корҳои табъу нашри Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*E-mail: safi-2003@mail.ru*

Ояндаи ҳар миллат, пешрафти ҷомеа ва рушду нумӯи давлат аз таълиму тарбия, илму маърифат ва соҳибкасбу мутахассиси асил будани насли ҷавон вобаста аст. Тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб тибқи “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [1] аз унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ ба шумор меравад. Раҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мувофиқи “Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [2] дар муассисаҳои таълимӣ ҳатмист.

Дар ҳама давру замон мақому манзалати шахс ба илму ҳунари ӯ вобаста буду ҳунару ҳунарманд сазовори мадҳу ситоиш. Ҳамеша дар ҳар ҷомеае ҳунарманд мавқеъ ва нуфузи боло дошту беҳунар хор, чунонки устоди бузурги ахлоқ Саъдии бузург мефармояд: “Ҳунар чашмаест зоянда ва давлатест поянда. Ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст: ҳар ҷо, ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад”. Ё дар ҷойи дигар мегӯяд: “Туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист, нагӯянд, ки падарат кист?”.

Ин маъниро Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам неку баён кардааст:

Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош.

Ӯ илму ҳунарро сутуда, аз ҳар гуна ганҷу доройӣ бартару волотар будани онро таъкид месозад:

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷу зар пеши ҳунар чизе нест.
Ҳунаре, ки диҳад ганҷу зарат,
Ҳунари аз дилу ҷон ранҷбарат.

В-он ҳунар нест насиби ҳама кас,
Баҳраи зиндадилон омаду бас.

Дар ин нигошта дар бораи касб, худмуайянкунии касбии ҷавонон, омилҳои таъсирбахш дар интихоби касбу ихтисос ва тартиби истифодаи қолиб (матриса)-и интихоби касб баъзе маълумоти назарӣ оварда мешавад.

Меҳр ба ягон касбу ҳунар дар ниҳоди шахс аз хурдсолӣ ҷой гирифта, дар солҳои мактабхонӣ нумӯ меёбад. Муносибати ҳар як шахс ба ҳаёти оилавӣ, иҷрои вазифаҳои шахсию ҷамъиятӣ ба интихоби дурусти касбу ихтисос марбут аст. Бемулоҳизаю тасодуфӣ интихоб кардани касб аксар вақт ба ҳолате мерасонад, ки на танҳо шахсият, балки ҷамъият низ аз натиҷаи он зарар мебинад. Интихоби ғалат ва номувофиқи касб шахсро дар зиндагӣ ба пайомадҳои ногувор рӯбарӯ карданаш мумкин аст: номуваффақ гаштани шахс дар кору рӯзгор; мавқеи сазовор наёфтанаш дар ҷомеа; бекорӣ, ки он, дар навбати худ, боз оқибатҳои нохуб, ҳатто фоҷиабор дорад ва ғайра.

Дар зиндагӣ роҳу мавқеи худро пайдо кардан, ки ба масъалаи худмуайянкунии касбӣ иртиботи қавӣ мегирад, аз масъалаҳои муҳиму мураккаб ба ҳисоб меравад ва пеш аз ҳама, ба дақиқ ва дуруст интихоб кардани касб алоқаманд аст. Аз мафҳуми “касб” (ҳунар, пеша, шуғл) чунин навъи машғулият ва фаъолияти меҳнатӣ (корӣ)-и инсонро мефаҳманд, ки он:

- омӯзиши назарӣ ва омодагии махсусро талаб мекунад;
- инсон онро дар зиндагӣ мунтазам ба кор мебарад ва такмил медиҳад;
- манбаи даромад барои таъмини рӯзгор ба ҳисоб меравад ва барои соҳибкасб ва ҳам ҷамъият судманд аст;
- ба кас лаззат ва қаноатмандӣ мебахшад;
- ному мартабаи инсонро баланд мебардорад ва ғайра.

Интихоби касбу ихтисос барои ҳар фард муҳим, мушкил ва ҳатто тақдирсоз ҳам ҳаст. Шахс бояд касберо интихоб намояд, ки қобилияту тавоноиаш ба он мувофиқ бошад. Барои расидан ба ин мақсад, пеш аз ҳама, олами ботинӣ ва маънавии худ – ақлу идрок, тафаккур, шавқу ҳавас, майлу рағбат, қобилияти ақлию ҷисмонӣ ва истеъдод, меҳру садоқат ба касб ва омилҳоеро, ки шахсро ҳамчун фард (индивидуум)

муаррифӣ мекунад, бояд омӯхта, ба назар гирифт. Сипас бо олами касбу ихтисосҳо шинос шуда, хусусиятҳояшонро фаҳмида, қобили қабул будани онҳоро бо имкону тавони худ муқоиса бояд кард. Танҳо дар ҳамин сурат интихоби касбу ихтисос дурусту дақиқ ва бошуурона буда метавонад.

Мушкили асосӣ ҳангоми интихоби касб барои хонандагон дар он аст, ки онҳо одатан касбро ноогоҳона интихоб мекунанд. Хусусиятҳои ҷисмонию зеҳнию равонии худ – вазъи саломатӣ, дониш, хислат, лаёқату истеъдодро ба назар намегиранд. Оид ба касб маълумоти кофӣ ва заруриро наомӯхта, худро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият санҷидан мехоҳанд. Баъзе аз хонандагон аввал касбро интихоб карда, барои онро аз худ намудан умри худро сарф мекунанд ва дертар дарк менамоянд, ки ин ба онҳо мувофиқ ва мақбул нест. Агар касбу ихтисоси интихобнамуда писанди кас бошад, пас, ин толеи баланди шахс аст, вагарна як шуғли дилгиркунандае беш нахоҳад буд. Мутахассис – соҳибкасби оянда набояд фаромӯш созад, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ соҳибкор – кордиҳанда дониш, малакаю маҳорат ва қобилияти кордонии ӯро ба эътибор гирифта, дар асоси озмун ба кор қабул мекунад. Соҳибкор, пеш аз ҳама, манфиати корхонаашро дар мадди назар мегирад.

Интихоби касбу ихтисос, албатта, кори шахсии ҳар кас аст, вале ҳангоми интихоби он таҷриба ва маслиҳати падару модар, устодон, хешу ақрабо ва мутахассисони соҳаро ба эътибор гирифтан муфид хоҳад буд. Аммо касбро ҳеҷ гоҳ зери фишори касе набояд интихоб кард, чунки бо ин касб Шумо тамоми умр кору зиндагӣ мекунед.

Айни замон барои дақиқу дуруст интихоб намудани касб ва ба самти мувофиқ равона кардани хонандагон бисёр пурсишномаю саволномаҳои равоншиносию педагогӣ ва қолибҳои интихоби касб мавҷуданд. Инҳо, аз ҷумла қолиби интихоби касб, барои дуруст интихоб кардан ва донистани моҳияти касб ба хонандагон ёрӣ медиҳанд [5]. Барои истифодаи он хонанда танҳо ба ду савол, ки оид ба интихоби соҳа (объект) ва навъҳои кор (шуғл, касб, ихтисос)-анд, ҷавоб доданаш кифоя аст. Агар хонанда ба якчанд соҳаи касбу намуди меҳнат шавқманд бошад, бояд на зиёдтар аз 3-тои онро интихоб намояд.

## ПУРСИШНОМА

***Кадом соҳа (объект)-и фаъолият Шуморо бештар ҷалб мекунад? Шумо бо киҳо (ё чиҳо) кор кардан мехоҳед?***

1. Инсон (кӯдакон ва калонсолон, хонандагон ва донишҷӯён, мизоҷон, беморон, харидорон ва мусофирон, тамошогарон ва мутолиакунандагон, ҳамкорон ва ғ.);
2. Иттилоот (матнҳо, формулаҳо, тарҳҳо, рамзҳо, нақшаҳо, забонҳои хориҷӣ, забонҳои барномасозӣ ва ғ.);
3. Молия (пул, саҳмияҳо, фондҳо, меъёрҳо, қарзҳо);
4. Техника (механизмҳо, дастгоҳҳо, биноҳо, конструксияҳо, асбобҳо, мошинҳо);
5. Санъат (мусиқӣ, театр, кино, балет, тасвир ва ғ.);
6. Ҳайвонот (хонагӣ, ваҳшӣ, хизматӣ);
7. Наботот (худрӯй, ороишӣ, кишоварзӣ ва ғ.);
8. Хӯрокворӣ (гӯшт, моҳӣ, шир, ширинҳо, нон, консерва, сабзавот, мева ва ғ.);
9. Маснуот (метал, матоъ, пашм, пӯст, чӯб, санг, дорувор ва ғ.);
10. Манбаъҳои табиӣ (замин, ҷангал, кӯҳ, кӯл, маъдан).

***Кадом намуди фаъолият Шуморо бештар ҷалб мекунад? Шумо ба кадом кор машғул шудан мехоҳед?***

11. Идораи маъмурӣ (роҳбарӣ).
12. Хизматрасонӣ (қонеъ кардани талаботи мардум).
13. Таҳсил (тарбия, омӯзиш, ташаккули шахсият).
14. Тандурустӣ (пешгирӣ аз бемориҳо, табобат).
15. Эҷод (офариниши асарҳои асил).
16. Истеҳсол (тайёр кардани маҳсулот).
17. Ташкилу созмондеҳӣ (конструксиякунонӣ, лоиҳакашии асбобҳо ва иншоотҳо).
18. Пажӯҳиш (омӯзиши илм).
19. Муҳофизат (ҳимоя аз амалиёти хусуматомез ва ба ҷомеа зараровар).
20. Назорат ва арзёбӣ (тафтиш ва таҳлилу баҳодиҳӣ).

Ҷавоб (интихоб)-и хонанда ба воситаи ҷадвали «Қолиби интихоби касб» [3, 4] таҳлил карда мешавад. Касбҳои дар буриши сутун (соҳаи меҳнат – кор) ва сатр (навъи меҳнат) – нуқтаи мувофиқат ҷойгиршуда ба шавқу рағбати хонанда тахминан мувофиқ ба ҳисоб меравад.

Баъди он ки хонанда касби писандидаашро мувофиқи қолиб муайян кард, хуб аст, ки интихобашро бознигарӣ карда, нуктаҳои зикршударо ба назар гирифта, барои ба мақсад расиданаш саъю кӯшиш намояд.

Ҷадвали 1. Қолиби интихоби касб

| Навъи меҳнат (кор) | Соҳаи меҳнат (кор) | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Инсон | Иттилоот | Молия | Техника | Санъат | Ҳайвонот | Наботот | Хӯрокворӣ | Маснуот | Манбаъҳои табиӣ |
| **Идораи маъмурӣ** | Менеҷер оид ба ҳайати кор<br>Маъмур<br>Сиёсатшинос<br>Котиб<br>Роҳбар | Мантиқдон<br>Танзимгар<br>Коргардон<br>Маъмур<br>Бозоршинос | Мушовир<br>Иқтисоддон<br>Менеҷер<br>Аудитор<br>Мутахассис оид ба молия | Технолог<br>Ронанда<br>Штурман<br>Мошинист<br>Муҳандис | Режиссёр<br>Дирижёр<br>Балетмейстр<br>Коргардон | Зоотехник<br>Ромкунанда<br>Фермер | Агроном<br>Фермер<br>Селексионер | Аудитор<br>Молшинос<br>Технолог<br>Менеҷер<br>Муҳосиб | Муҳосиб<br>Менеҷер<br>Аудитор<br>Молшинос<br>Технолог | Муҳандис<br>Техник<br>Энергетик<br>Геодезист |
| **Хизматрасонӣ** | Фурӯшанда<br>Пешхизмат<br>Фелдшер<br>Коргари иҷтимоӣ<br>Равоншинос | Тарҷумон<br>Роҳбалади сайёҳӣ<br>Китобдор<br>Менеҷери тарғибот | Муҳосиб<br>Иқтисоддон<br>Даллол<br>Инкассатор<br>Хазинадор | Челонгар<br>Танзимгар<br>Автомеханик<br>Усто<br>Муҳандис | Ниқобсоз-гример<br>Ороишгар-мураттиб<br>Сартарош<br>Роҳбалад | Чорводор<br>Мурғпарвар<br>Байтор<br>Фелдшер | Механизатор<br>Боғдор<br>Агроном<br>Растанипарвар<br>Сабзавоткор | Молшинос<br>Фурӯшанда<br>Борбар<br>Нонпаз | Фурӯшанда<br>Борбар<br>Борандоз<br>Дорусоз<br>Коргари хизмати маишӣ | Мелиоратор<br>Ҷангалбон<br>Роҳбалад<br>Шикорчӣ<br>Боғбон<br>Техник-нафтгар |
| **Таҳсил** | Омӯзгор<br>Мураббӣ<br>Мушовир<br>Роҳбари студия | Барандаи барномаҳои радио, телевизион<br>Забоншинос | Мушовир оид ба идора<br>Омӯзгор<br>Иқтисоддон | Устоди омӯзиши истеҳсолот<br>Муҳандис<br>Мушовир | Хореограф<br>Омӯзгори мусиқӣ<br>Рассом<br>Наққош | Сагшинос<br>Ромкунанда<br>Зоолог<br>Сагпарвар<br>Аспparвар | Омӯзгори биология<br>Эколог | Омӯзгори тахассусӣ<br>Устои омӯзиши истеҳсолот | Омӯзгори тахассусӣ<br>Устои омӯзиши истеҳсолот | Омӯзгори география<br>Эколог |
| **Тандурустӣ** | Духтур<br>Ҳамшираи шафқат<br>Мураббӣ | Духтури рентгеншинос<br>Ташхиси компютерӣ | Идоракунанда<br>Аудитор<br>Даллол<br>Нозири андоз<br>Хазинадор | Физиотерапевт<br>Устои техникаи биотиббӣ | Ҷарроҳи пластикӣ<br>Таҷдидгар (реставратор)<br>Косметолог | Байтор<br>Лаборант<br>Зотпарвар | Фитотерапевт<br>Растанишинос<br>Ҳимояи растаниҳо<br>Ботаника | Парҳезшинос<br>Экспертизаи санитарӣ<br>Вирусшинос | Дорусоз<br>Ортопед<br>Токсиколог | Гармобашинос<br>Гидролог<br>Лаборант<br>Эпидемиолог |
| **Эҷод** | Режиссёр<br>Ҳунарманд<br>Санъаткор | Барномасоз<br>Муҳаррир<br>Дизайнер | Менеҷери лоиҳа<br>Продюссер (филмсоз) | Лоиҳакаш<br>Рассом<br>Дизайнер<br>Ороишгар | Нависанда<br>Рассом<br>Оҳангсоз | Ромкунанда<br>Ходими сирк | Ороишгар<br>Фитодизайнер<br>Сабзазоркунӣ<br>Боғбон | Қаннод<br>Ошпаз<br>Таомшинос<br>Нонпаз | Кандакор<br>Устои чӯбтарош<br>Ҳайкалтарош | Меъмор<br>Гулшинос<br>Ороишгар |

| Навъи меҳнат (кор) | Соҳаи меҳнат (кор) | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Инсон** | **Иттилоот** | **Молия** | **Техника** | **Санъат** | **Ҳайвонот** | **Наботот** | **Ҳӯрокворӣ** | **Маснуот** | **Манбаъҳои табиӣ** |
| **Истеҳсол** | Мутахассиси идоракунӣ<br>Менеҷер<br>Ташкилотчӣ<br>Соҳибкор | Барномасоз<br>Веб-дизайнер<br>Саҳифабанд<br>Муҳаррир<br>Котиби матбуот | Мутахассиси молия<br>Иқтисоддон<br>Муҳосиб<br>Хазинадор | Бинокор<br>Мошиначӣ<br>Харрот<br>Маъмури дастгоҳ | Оператори кино (садо)<br>Ҷавоҳирсоз<br>Наққош<br>Кулол<br>Дӯзанда | Зоотехник<br>Моҳипарвар<br>Чорводор<br>Парандапарвар | Агроном<br>Растанипарвар<br>Сабзавоткор<br>Тухмипарвар | Муҳандис-технолог<br>Қаннод<br>Ошпаз | Муҳандис-механик<br>Оҳангар<br>Дӯзанда<br>Дуредгар | Муҳандис<br>Нақбгар<br>Техник<br>Геолог<br>Ҷангалпарвар |
| **Ташкилдиҳӣ** | Ҷарроҳи пластикӣ<br>Генсозӣ<br>Тақлидкор | Тарҷумон<br>Рӯзноманигор<br>Мухбир<br>Веб-дизайнер<br>Харитасоз<br>Барномасоз | Таҳлилгар<br>Муҳандис<br>Муҳосиб<br>Мутахассиси молия<br>Нақшасоз | Муҳандис<br>Устои телевизор<br>Лоиҳакаш<br>Техник<br>Дандонсоз | Бастакор<br>Режиссёр<br>Дизайнер<br>Тарҳсоз<br>Рассоми театр<br>Меъмор | Муҳандис<br>Генсозӣ<br>Зоотехник<br>Зотпарвар | Генсозӣ<br>Гулпарвар<br>Ороишгар | Муҳандис-технолог<br>Моделсоз<br>Таомшинос | Тарҳсоз<br>Ҷевар<br>Пойафзолдӯз<br>Лоиҳакаши маснуоти сабук | Техник<br>Сабзазоркун<br>Меъмор<br>Муҳандис<br>Обшинос |
| **Пажӯҳиш** | Равоншинос<br>Муфаттиш<br>Ҷамъиятшинос<br>Лаборант | Ҷамъиятшинос<br>Математик<br>Оморшинос<br>Таҳлилгар<br>Таърихшинос | Аудитор<br>Таҳлилгар<br>Муҳандис<br>Оператор | Озмоишгар<br>Муҳандис-технолог<br>Обуҳавосанҷ<br>Математик | Киношинос<br>Санъатшинос<br>Мунаққид<br>Адабиётшинос<br>Фарҳангшинос | Байтор<br>Моҳишинос<br>Парандашинос<br>Ҳайвоншинос | Биолог<br>Ботаник<br>Микробиолог | Технолог<br>Лаборант<br>Чошнигир<br>Санитар | Молшинос<br>Нозир<br>Лаборант<br>Танзимгар<br>Бостоншинос | Хокшинос<br>Обуҳавосанҷ<br>Геолог<br>Заминшинос<br>Техник-гидрогеолог<br>Агроном |
| **Муҳофизат** | Милитсионер<br>Адвокат<br>Духтури ҳарбӣ<br>Муҳофизатгар<br>Фелдшер<br>Наҷотдиҳанда | Барномасоз<br>Ҳимоятгари иттилоот<br>Ҳуқуқшинос<br>Нотариус<br>Бойгонидор | Агенти суғурта<br>Муҳофиз<br>Мушовир<br>Инкассатор | Муҳандиси техникаи бехатарӣ<br>Озмоишгар<br>Сӯхторнишон<br>Ғаввос | Рассом (меъмор)-и таъмиргар<br>Тармимгар<br>Каскадёр | Нозир<br>Эколог<br>Байтор | Эколог<br>Микробиолог<br>Занбурӯғшинос<br>Ҷангалбон | Санитар<br>Микробиолог<br>Диетолог<br>Эпидемиолог | Корманди гумрук<br>Нозир<br>Посбон | Нозири ҳифзи табиат<br>Мелиоратор<br>Эколог<br>Ҷангалбон |
| **Назорат ва арзёбӣ** | Духтур-эпидемиолог<br>Муфаттиш<br>Додситон Нозир<br>Табелчӣ | Барномасоз<br>Муҳаррир<br>Мусаҳҳеҳ<br>Коргардон | Аудитор<br>Нозири андоз<br>Муҳосиб<br>Тафтишгар<br>Нозир | Муҳандис-технолог<br>Нозири роҳ<br>Маъмури дастгоҳ | Муҳаррир<br>Мунаққид<br>Коргари осорхона<br>Санъатшинос | Санҷиши ветеринарӣ<br>Зоотехник<br>Зоолаборант<br>Коршинос | Агроном<br>Навъсоз<br>Агротехника | Нозир<br>Санитар<br>Чошнигир<br>Лаборант | Метролог<br>Корманди гумрук<br>Нархгузор<br>Нозир | Радиолог<br>Эколог<br>Обуҳавошинос<br>Хокшинос<br>Эксперт |

Ҳамаҷониба омода кардани насли наврас барои бошуурона интихоб кардани касб яке аз вазифаҳои умдатарини мактаб ба шумор меравад. Бинобар ин мактаб хонандаро аз қадамҳои аввалаш то хатми муассиса ба интихоби дурусту бошууронаи касб бояд ҳидоят намояд. Вале тадқиқотҳои иҷтимоӣ собит сохтааст, ки солҳои охир ҳолати касбинтихобкунии ҷавонон ба талаботи ҷомеаи кунунӣ чандон ҷавобгӯй нест. Мушкилоти раванди интихоби касб ба тарғибу ташвиқ ва раҳнамоии ҷавонон рабти беш дорад.

Чанд пешниҳодеро, ки ин ҷо меорем, ба эътибор гирифтани роҳбарони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ зимни фаъолияташон, ба пиндори мо, барои беҳбуди корҳои вобаста ба интихоби касб аз ҷониби мактабиён бесамар нахоҳад буд.

Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгоронро зарур аст, ки аз тамоми имконият ва нирӯи зеҳнияшон истифода бурда, барои муҳайё намудани шароити зарурии таҳсил, аз ҷумла беҳтар ташкил кардани интихоби касб дар муассисаҳои таълимӣ, тадбирҳои судманд андешанд ва корҳои зеринро амалӣ намоянд:

1) дастрас намудани маводди таълимию методӣ доир ба интихоби касб барои хонандагон ва омӯзгорони мактабҳо;

2) ҳадафманд ташкил ва амалӣ кардани корҳо (чорабиниҳо) барои хонандагон (аз ҷумла, бо дарназардошти хусусиятҳои фардӣ, психофизиологӣ, маҳорату қобилият ва вазъи саломатии онҳо) оид ба интихоби касб (маълумот дар бораи касбу ҳунарҳо мутобиқи талаботи бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва берун аз он, иттилоот оид ба хусусияти касбҳо, таълими касбӣ, ташкил намудани саёҳатҳо ба корхонаҳо);

3) озмоишҳои тестӣ (электронӣ) оид ба муайян кардани интихоби касб бевосита дар муассисаҳои таълимӣ;

4) ташкил намудани синфхона ва гӯшаҳои намунавии интихоби касб;

5) ташкил ва баргузории машваратҳо (равоншиносӣ, физиологӣ ва мисли инҳо) дар мактабҳо ва роҳандозии методҳои педагогие, ки ба касби интихобнамуда мутобиқ будани хонандагонро муайян месозад;

6) пайваста ташкил кардани вохӯриҳо оид ба интихоби касб бо иштироки мутахассисони соҳаҳои гуногун ва собиқадорони меҳнат;

7) ташкил намудани дарсҳо оид ба истифодаи барномаҳо дар шабакаи Интернет барои ҷалби хонандагон бо мақсади дарёфти

саривақтии иттилооти зарурӣ дар бораи касбҳо ва муассисаҳои таълимие, ки мутахассисонро тайёр менамоянд;

8) омӯзиш, истифода ва баррасии мақолаю маърӯзаҳо, барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ барои хонандагон дар бораи анвои касбу ихтисосҳо.

9) берун аз дарс ҷалб кардани хонандагон ба эҷодиёти техникию бадеӣ;

10) шинос кардани хонандагон дар раванди фаъолияти таълимӣ ва берун аз он бо муассисаҳои таълимии касбӣ, касбҳо ва ихтисосҳо, корхонаю ташкилотҳо ва дурнамои рушди онҳо;

11) роҳандозии таълими тафриқавии хонандагон барои комилан ошкор кардани шавқу ҳавас, майлу рағбат ва қобилиятҳои фардии онҳо.

12) ташкил ва баргузории ҷаласаю вохӯриҳо бо иштироки мутахассисони соҳаҳои гуногун, равоншиносони соҳавӣ, намояндагони корхонаву муассисаҳо, падару модарон барои рушди роҳнамоии касбии хонандагон.

## АДАБИЁТ


1. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 94 аз 3-юми марти соли 2006).
2. Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 499 аз 2-юми октябри соли 2010).
3. «Матрица выбора профессии». Г. В. Резапкина [электронный ресурс]. – Режим доступа: http://testoteka.narod.ru/prof/1/04.html (дата обращения: 11.03.2019).
4. Методика "Матрица выбора профессии" [электронный ресурс]. – Режим доступа: http://azps.ru//tests/profmatr.html (дата обращения: 11.03.2019).
5. Резапкина Г. В. Секреты выбора профессии, или путеводитель выпускника. М: Генезис, 2005.